«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
доктори илмҳои педагогӣ, профессор
__________________Сафарзода М.В.
«____» _________________соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7. Таърихи илм (таърих)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат дар мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ба меъёру тартиби муқароршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.7 - Таърихи илм (таърих) мутобиқат менамояд. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия масъалаҳои омӯзиш, пажӯҳиш, татбиқ ва тарғиби ақидаҳои илмии ниёгони асримиёнагии тоҷику форс, махсусан Абубакр Закариёи Розӣ , ки дар пешрафти донишҳои риёзиву табииётшиносӣ ва техникии замонааш саҳми босазо дорад, фаро мегирад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамии мавзуи таҳқиқшаванда омӯзиш, таҳлил, тарғиб ва татбиқи осору афкори илмии яке аз донишмандони овозадори форс-тоҷик Абубакр Муҳаммад Закариё ибни Яҳёи Розӣ (865-925) маҳсуб меёбад, ки натанҳо дар таърихи тамаддуни тоҷикон, балки дар таърихи тамаддуни исломӣ ва умумиҷаҳонӣ мавқеи хосса касб карда, диққати доираи васеи донишмандони гуногунсоҳаи ватанию хориҷиро ҷалб кардааст ва дар шароити рушди босуръати иттилооти илмию техникии замони муосир аҳамияти илмиву таърихии

худро гум накарда, аҳамияти махсуси омӯзишиву пажӯҳиширо доро мебошад.

Диссертант дуруст таъкид менамояд, ки ниёгони тоҷикон дар радифи халқҳои соҳибтамаддуни ҷаҳон, ки ангуштшуморанд, ба монанди юнониён, румиён, ҳиндуҳо, чиниҳо ва мисриён дорои таърихи қадима буда, дар ташаккул ва инкишофи донишҳои ақлӣ саҳми босазо доранд ва дар соҳаи илмҳои риёзиву табииётшиносӣ ва техника ихтироъкории онҳо дар сафҳаҳои таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ бо ҳарфҳои тиллоӣ сабт шудааст.

Саҳми табиатшинос, табиб, риёзидон ва файласуфи овозадори тоҷику форс Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносиву риёзӣ ва ҳатто техникӣ, ки то ҳол дар адабиёти таърихи илми кишварамон ва хориҷи он мавриди таҳқиқоти ҳаматарафа қарор нагирифтааст, мубрам будани мавзуи диссертатсияро муайян менамоянд.

Махсумзода Нигина Давлат дар кори диссертатсионии худ мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносиву риёзӣ»-ро ҳамчун кори илмӣ-таҳқиқотӣ баррасӣ намуда, мубрамии мавзуи таҳқиқотро бо суханони Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хулоса намудааст: «Таърихро дар ҳақиқат хотираи инсоният меноманд. Шахсоне, ки дар бораи сарнавишти миллат, дар бораи гузаштаи таърихии халқи худ тасаввурот надоранд, анъанаву маросимҳои ниёгони худро намедонанд, нақш ва мавқеи фарзандони беҳтарини Ватани худро ба таври сазовор баҳогузорӣ карда наметавонанд, ба гумон аст, ки шаҳрвандони ҳақиқӣ, одамони комилҳуқуқ номида шаванд».

Ҳамзамон, муассисаи пешбар мубрамият аҳамияти илмӣ-амалии мавзуи диссертатсияи пешниҳодшударо асоснок ва саривақтӣ арзёбӣ менамояд.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат, ки ба мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» бахшида шудаанд, дорои сатҳи кофии асоснокунии илмӣ мебошанд.

Диссертатсия бо риояи меъёрҳои таҳқиқоти илмӣ таҳия гардидааст. Қобили тазаккур аст, ки асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи васеи манбаъҳои илмии муътамад таъмин карда шудааст. Диссертант дар ҷараёни таҳқиқот аз теъдоди зиёди таълифоти розишиносони ватанию хориҷӣ истифода намуда, дар асоси омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи осору афкори Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ саҳми ӯро дар пешрафти донишҳои табиатшиносиву риёзӣ (албатта, бар мабнои осори боқимонда ва банашррасидаи ӯ) мушаххасан мавриди баррасӣ қарор додааст. Хулоса ва пешниҳодҳои кори таҳқиқотии диссертант дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва маҷмуаҳои маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба табъ расида, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд ва бо муҳтавои диссертатсия ҳамоҳанг мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Навгонии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ» бори нахуст мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Махсумзода Нигина Давлат дар ҷараёни кори илмӣ як қатор натиҷаҳои мушаххаси илмӣ ба даст овардааст, ки онҳо дорои навгонии назариявӣ, аҳамияти илмӣ ва арзиши амалӣ мебошанд. Диссертант дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷонибаи мероси ғании донишманди энсиклопедист Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ навгонии пажӯҳишотро мухтасаран ва мушаххасан, ки ҷанбаҳои осору афкори табииётшиносиву риёзии Абубакри Розӣ бо системаи муайяни илмӣ ва нақши он дар таърихи илм, нақши осори Абубакри Розӣ дар саромади илмҳои табииётшиносӣ,

махсусан физикаю химия ва таъсири он дар осору афкори донишмандони баъдии асримиёнагии форс-тоҷик, муайян кардани мавқеи илмҳои табииётшиносӣ дар системаи илмию фалсафии Абубакри Розӣ ва дараҷаи омӯзишу зарурияти он дар замони инкишофи босуръати техникию технологӣ, аҳамияти омӯзиши осори табииётшиносиву риёзии Абубакри Розӣ ва татбиқи он дар марҳалаҳои муайяни таърихи илм ва техникаро дар бар мегирад, ифода намудааст. Қобили қайд аст, ки таҳқиқоти мазкур дорои арзиши илмии нав буда, барои инкишофи дониши илмӣ дар соҳаи таърихи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ мусоидат менамояд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Диссертатсия дорои арзиши илмӣ-назариявӣ мебошад. Маводи таҳқиқот, пешниҳод ва интишороти муаллиф метавонад ҳамчун манбаи омӯзишӣ дар соҳаи таърихи илм ва техника хизмат намоянд. Маводи диссертатсия барои таҳияи корҳои илмӣ доир ба таърихи илмҳои табииётшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он ва ҳамчунин ҳангоми хондани курсҳои махсус дар донишкадаву донишгоҳҳои олии кишвар, хусусан дар факултет ва риштаҳои тахассусии табииётшиносӣ метавонад мавриди истифода қарор дода шаванд. Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки маводи илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсионӣ дар шакли мақолаҳои илмӣ, илмию методӣ ва дастурҳои тавсиявӣ барои магистрантону докторантони PhD ва донишҷӯёну унвонҷӯён, барои навиштани рисолаҳои тахассусӣ хизмат кунад, ҳамзамон барои омӯзгорони МТМУ МТММ ва МТОК-и кишвар манфиатовар буда, инчунин ҳангоми навиштани монографияҳо ва маҷмуаҳои тахассусӣ барои муҳаққиқони соҳаи таърихи илм ва техника метавонад васеъ истифода бурда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқи** диссертатсияро принсипи таърихият, таҳлили илмии таърихи илм ташкил дода, имконият медиҳад, ки далелҳои таърихӣ вобаста ҳамгироии донишҳои табиию риёзӣ дар робитаи якдигар баррасӣ гарданд. Ҳамзамон дар ҷараёни таҳқиқот методҳои гуногуни маърифатӣ: таҳлил,

шарҳ, татбиқ, муқоиса ва хулосабарорӣ истифода шудаанд. Умуман, натиҷаҳои таҳқиқ бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷониба,муқоисаи манбаъҳои гуногун ва истифодаи усулҳои муосири илмӣ дурустӣ ва асоснокии илмии худро исбот намудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва таҳқиқ.** Саҳми шахсии унвонҷӯ Махсумзода Нигина Давлат дар хеле назаррас ва муҳим арзёбӣ мегардад. мавзуи «Саҳми Абубакри Розӣ дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ». Диссертант дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур муаллиф бори нахуст саҳми Абубакри Розиро дар як системаи муайяни илмӣ бо назардошти раддабандии донишҳои замонааш нишон додааст. Илова бар ин, саҳми шахсии диссертант дар он аст, ки ӯ омӯзиши осори илмии Абубакри Розӣ ва маҳаллаҳои таҳқиқи осори ӯро, чӣ дар асрҳои миёна ва чӣ дар замони муосир ба тафсил нишон додааст, ки барои муҳаққиқони ояндаи мероси илмии ин донишманди воломақом дастури муфиде хоҳад буд. Ҳамин тавр, муаллифи диссертатсия бори аввал саҳми Абубакри Розиро дар инкишофи илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ дар як системаи муайян ба риштаи таҳлил кашида, мавқеи ӯро дар ташаккул ва инкишофи донишҳои риёзиву табииётшиносӣ нишон додааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти пешниҳодшудаи унвонҷӯ дар 20 интишорот, аз ҷумла 9 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 2 мақола бидуни ҳаммуаллифӣ чоп шудааст ва 11 мақолаҳо дар маҷаллаҳои дигари илмӣ ва маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ инъикос ёфтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулосаи ҳар як боб, хулосаи умумӣ, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, кори илмӣ таҳқиқотии мукаммал ва ба анҷомрасонидашуда ба шумор меравад. Мазмуни диссертатсия дорои

пайдарҳамии мантиқӣ, пуррагии илмӣ ва тамомияти таҳқиқот буда, дараҷаи баланди ба итмом расидани кори илмӣ-таҳқиқотиро нишон медиҳад ва ба талаботи муқарраргардидаи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, се боб, 6 зербоб, хулосаҳои ҳар як боб, хулосаи умумӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, инчунин 2 ҷадвал ва 8 расмро дар бар мегирад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 171 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиш, объект ва предмети таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, аҳамияти амалию назариявӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонии илмӣ, асосҳои назариявию методологӣ ба таври дақиқ ва илмӣ муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, дар диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб, сохтор ва ҳаҷми он оварда шудааст, ки мубрам будани мавзуи мазкурро инъикос менамояд.

Боби якуми диссертатсия «Вазъи илму фарҳанг дар Хуросону Мовароуннаҳр дар асрҳои IX-X» фарогири ду зербоб буда, он ба тавсифи вазъияти илмиву фарҳангӣ ва сиёсиву иҷтимоии Хуросону Мовароуннаҳр ҳамчун ватани бумии Муҳаммад Закариёи Розӣ дар асрҳои миёна ва муҳити илмию фарҳангии замони Абубакри Розӣ мухтасаран ва мушаххасан бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми боби мазкур таҳти унвони – «Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва ҷуғрофии замони зиндагии Абубакри Розӣ» сухан дар бораи муҳимтарин воқеаю рӯйдодҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии замони Сомониён, ки  дар таърих бо номи нахустин давлатдории тоҷикон ёд мешавад, замони дастовардҳои этникӣ-маданӣ ва сиёсӣ-иҷтимоии халқи тоҷик дар заминаи таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоӣ ба амал омада, рушду нумуи  илм, санъат, техника ва ҳунарҳои гуногун меравад. Диссертант қайд мекунад, ки дар тавсифи вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва ҷуғрофии замони зиндагии Абубакри Розӣ ба маълумоти ҷуғрофидонҳо, сайёҳон ва муаррихони маъруфи асрҳои миёна Абуисҳоқи Истахрӣ Абулқосим,

Муҳаммад ибни Ҳавқал ва Шамсуддин Муҳаммад ибни Аҳмади Муқаддасӣ такя намудааст. Дар диссертатсия муаллиф дар асоси пешрафти илму техникаи ҳамон замона рушди системаи ирригатсионӣ (обёрӣ), иншоотсозӣ, рушди саноати кӯҳӣ, таркиб ва характери коркарди канданиҳои фоиданок, дараҷа ва имкониятҳои дастрасӣ ба онҳо, шароити меҳнат ва мавқеи иҷтимоии санъаткорони соҳаи истихроҷи маъдан ва ғайраҳо дар қаламрави Сомониёнро мушаххасан баррасӣ намудааст.

Зербоби дуюми боби якум, ки «Муҳити илмию фарҳангии замони Абубакри Розӣ» ном гирифта, замони зиндагии Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розиро, ки ба давраи гул-гулшукуфии илму фарҳанг ва замони салтанати Сомониён рост меояд, вазъияти илму фарҳанг дар эҷодиёти илмии ҳамасрони донишмандро баррасӣ гардидааст. Дар диссертатсия дар асоси маълумотҳои манбаъҳои таърихӣ оид ба фаъолияти баъзе аз донишмандони замони зиндагии Абубакри Розӣ, ки асоси фаъолияти илмиашон дар маркази илму фарҳанг шаҳри Бухоро ва Бағдод сипарӣ шудааст, ёдрас гардидааст. Диссертант зикр менамояд, ки замони ҳаёт ва фаъолияти Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ яке аз даврони мусоидтарини ривоҷу равнақи ҳаёти моддӣ ва маънавӣ, хосатан ташаккул ва инкишофи илму техника барои Хуросону Мовароуннаҳр ба ҳисоб мерафт. Мавҷудияти давлати тоҷикии Сомониён, ки фарогири кишварҳои имрӯзаи Эрон, Афғонистон, Покистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва қисмати ҷанубии Қазоқистон буд, барои пешравии илму фарҳанги минтақа шароити мусоидро созгор гардонида буд.

Боби дуюм – «Осор ва таҳқиқоти мероси илмии Абубакри Розӣ», ки аз ду зербоб иборат аст, ба таълифу таснифи зиндагӣ ва фаъолияти илмии донишманди оламшумул бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми боби дуюм, ки «Мухтасари ҳаёт ва фаъолияти илмии Абубакри Розӣ» ном дорад, дисертант дар асоси пажӯҳишот ва сарчашмаҳои таърихӣ маълумотномаи шарҳиҳолӣ дар бораи Муҳаммад Закариёи Розӣ пешниҳод намудааст. Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки

маълумоти тарҷумаиҳолӣ дар бораи Муҳаммад Закариёи Розӣ то замони мо хеле кам боқӣ мондааст, ҳарчанд ки худи ӯ ҳолномаашро гӯё навишта буд. Бинобар маълумоти андӯхтаи донишмандоне чун Маҳдии Муҳаққиқ.Убайдулло Исроилович Каримов ва Мӯсо Диноршоев, гӯё Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ худаш ҳолномаи худро навиштаасту мутаассифона, то замони мо нарасидааст. Бинобар маълумоти сарчашмаҳои мавҷуда ва пажӯҳишоти арзанда Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ аз овони наврасию ҷавонӣ ба омӯзиши донишҳои мавҷудаи замонааш рағбати бузург дошта, ба қавле шеър низ мегуфтааст ва некӯ ӯд менавохтааст. Дар ибтидо пешаи заргарӣ ва тиҷоратро интихоб карда, ба хотири аз мис тилло сохтан, ки яке аз масъалаи асосии тамоми кимиёгарони дунёи қадим ва асрҳои миёна буд, ба омӯзиши илми кимиё шуғли бисёр касб кардааст.

Зербоби дуюми боби дуюм – «Марҳалаҳои таҳқиқи осори Абубакри Розӣ» ном дошта, таҳқиқи зиндагиномаву фаъолияти илмии Муҳаммад Закариёи Розиро дар асоси чанд сарчашмаи муътамад ва пажӯҳишоти муҳаққиқон, яъне розишиносон баррасӣ гардидааст. Диссертант қайд намудааст, ки омӯзиш ва пажӯҳиши осори гаронбаҳои Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳанӯз аз замони зиндагии худаш оғоз гардида, то ба замони мо идома дорад. Дар вақти зиндагии худаш ӯ бо чандин тан аз донишмандони замонааш ба баҳсу мунозара ва муколама пардохта, алайҳи баъзе аз онҳо асари махсусе ҳам таълиф кардааст. Барои Аврупои ғарбии асримиёнагӣ бошад, аз асри XII тарҷума ва омӯзишу пажӯҳишу татбиқи осори ӯ аз ҷониби донишмандони насронӣ ва баъзан яҳудии Аврупо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Бояд гуфт, ки дар сарчашмаҳо ва пажӯҳишоти мавҷудаи истифодашуда ба забонҳои гуногун дар кишварҳои мухталиф асосан бар мабнои яке аз манбаи асосӣ - «Феҳраст кутуб Муҳаммад бин Закарийё

ар-Розӣ» («Номгӯйи китобҳои Муҳаммад Закариёи Розӣ»)-и Абурайҳони Берунӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия - «Нақши осори Абубакри Розӣ дар рушди илмҳои табииётшиносӣ ва риёзӣ дар замони Сомониён» ном дошта, аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Зербоби якуми боби мазкур таҳти унвони «Аз таърихи раддабандии илмҳо дар асрҳои V-X» мазмуни амиқи илмӣ дошта, ба баррасии раддабандии илмҳо, ки олимони асри миёнаи мусулмонӣ ба таснифоти илмҳои замони худ аҳамияти махсус зоҳир намуда, дар ин бахш осори ҷудогона таълиф намудаанд,бахшида шудааст. Диссертант дар диссертатсия раддабандии илмҳоро, ки аз ҷониби Афлотун, Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино ва худи Абубакри Розӣ таълиф гардидааст, дар шакли расм тасдиқ намудааст. Хоссатан таснифоти Абубакри Розӣ оид ба илми кимиё, яъне химия, ки дар «Китоби сирри асрор» («Китаб сирр ал-асрор») фароҳам омадааст, маълумоти мухтасару мушаххас баён гардидааст.

Зербоби дуюми боби сеюм «Таъсири фаъолияти илмии Абубакри Розӣ ва саҳми ӯ дар таърихи илму техникаи асрҳои миёна» ном дошта, дар он таъсири осори илмии Абубакри Розӣ ба фаъолияти илмию техникии донишмандони Шарқу Ғарб мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия дуруст қайд гардидааст, ки Абурайҳони Берунӣ ва Абдураҳмони Хозинӣ аз рисолаи Абубакри Розӣ «Мизон-ут-табиийа» («Тарозуи физикӣ»), ки ҳам назарияи сохтани тарозу ва ҳам амалияи кор бо онро нишон додааст, истифода намудаанд. Асбоби ихтироъкардаи Абурайҳони Берунӣ дар бораи муайян кардани вазни хоси ҷисмҳо ва «тарозуи хирад»-и Абдураҳмони Хозинӣ бевосита дар зери таъсири «тарозуи физикӣ» («мизон-ут-табиийа»)-и Абубакри Розӣ пайдо шудаанд, ки диссертант расми онҳоро аз захираи электронӣ дар диссертатсия пешниҳод намудааст. Диссертант таъкид менамояд, ки дар

таърихи илм ва техникаи ҷаҳонӣ Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ бо лақаби «падари илми химия», табиби ҳозиқ ва файласуфи воломақом шинохта шуда, дар пешрафти илмҳои табиатшиносию риёзӣ, техникиву муҳандисӣ ва хусусан тиббию фалсафӣ воқеан мавқеъ ва манзалати ҷаҳонӣ дорад.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шудаанд, ки онҳо хусусияти хулосавӣ ва амалӣ дошта, омӯзиши осори ниёгон алалхусус дар равияи таърихи илм ва техника равона мегардад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси (6.1.7 - Таърихи илм (таърих)) ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мутобиқат менамояд. Диссертатсияи Махсумзода Нигина Давлат ҳамчун кори илмии ба анҷомрасида ба ҳисоб рафта, таркиб ва сохтори он бо тавсияву асоснокунӣ дар сатҳи баланди илмӣ-назариявӣ навишта шуда, ба талаботҳои муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад. Кори таҳқиқотӣ бо меъёрҳои забони давлатӣ таълиф шуда, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Махсумзода Нигина Давлат ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси (6.1.7 - Таърихи илм (таърих)) мутобиқат мекунад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар рисолаи диссертант дар бораи рисолаҳои риёзии Абубакри Розӣ сухан меравад, аммо ҳеч кадом аз онҳо мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор нагирифтааст.

2. Беҳтар мешуд, ки муаллиф дар охири рисола дар шакли замима рисолаҳои риёзиву табииётшиносии Абубакри Розиро муфассалтар шарҳ медод.

3. Муаллиф сабаби аз кимиё ба тиб рӯй овардани Абубакри Розиро бисёр ҷолибу бамаврид нишон додааст, аммо сабаби ба физика ва математика шуғл варзиданашро низ нишон медод, қиммати волои кор боз ҳам афзун мегардид.

4. Дар рисола, агарчанде аҳёнан, вале ҳаройина хатоиҳои техникӣ ба чашм мерасад.

Тақриз аз тарафи экспертон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва методикаи таълими таърих Холмуродзода М. Б. ва номзади илмҳои таърих, саромӯзгори кафедраи физикаи умумӣ ва назариявӣ Қурбонов Д.М. мураттаб шудааст. Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои таърих ва методикаи таълими таърих, ва кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Махсумзода Нигина Давлат иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои физикаи умумӣ ва назариявӣ, таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 15 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 15 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест. (Қарори ҷаласаи якҷояи кафедраҳои физикаи умумӣ ва назариявӣ, таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» аз 06 июни соли 2026, №10).

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои техникӣ дотсент, мудири кафедраи кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ» Шарипов А.П.

**Экспертон:**
номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Холмуродзода М.Б.

номзади илмҳои таърих, саромӯзгори кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Қурбонов Д.М.

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои физикаю математика, саромӯзгори кафедраи физикаи умумӣ ва назариявии Донишгоҳи давлати Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Шарифов С.Р.

Имзоҳои Шарипов А.П., Қурбонов Д.М., Холмуродзода М.Б., ва Шарифов С.Р., - ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.

Нишонӣ: 735360,шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16,
Тел.:+992(3322) 2-35-06, 2-35-09;
Email: info@kgu.tj, somona@kgu.tj
«__09__»______06______2026 с.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС